**Тақриз**

**ба автореферати рисолаи номзадии Раҳимова М.А., ки дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3 – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ барои ҳимоя пешниҳод шудааст**

Мавзуи рисола ба яке аз масъалаҳои басо мубрами таълими забони тоҷикӣ дар синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

**Мубрамияти мавзуъ** ин аст, ки дар доираи он бори аввал таълими маводи назариявии забони тоҷикии синфҳои 8 ва 9 маҳз дар заминаи матнҳои аз осори классикон интихобшуда таълим дода мешавад. Аз ин лиҳоз, дар доираи интихоби мисолҳо аз осори классикон, бахусус, аз Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ барин адибони маъруфи классик баррасӣ ва шарҳ додани масъалаҳои назариявӣ ва меъёрии забони тоҷикӣ аз ду ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Чунончи, агар аз як тараф маводи назариявии китоби дарсӣ барҷо намоиш дода шавад, аз тарафи дигар итминони комил ҳаст, ки дар доираи шарҳи мазмуни ҳар як мисоли интихобшуда хонандагон дар ин ё он руҳияи ахлоқӣ тарбия карда шаванд.

Бояд зикр кард, ки муқаддимаи кор ҷолибу боварибахш пешниҳод гардидааст: сабаби интихоб ва дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи он ба барномаҳои илмиву таълимии ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, бахусус, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии он, сарчашмаҳои маълумот, заминаҳои эмпирикӣ, методҳои мубрами барои таълифи кор, бахусус, дар раванди дарсҳо ва таҳияи экспрементҳои педагогӣ (муқарраркунӣ ва таълимӣ) истифодашуда, инчунин навгониҳои дар рафти таҳқиқот ба дастовардашуда бо диаграмма ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя ирсолшаванда ҳар яке аз ин ҷанбаҳо тибқи асосноккунӣ пешниҳод шудаанд. Диссертатсияи Раҳимова М.А. фарогири се бобу ҳафт зербоб, се ҷадвал, ду диаграмма, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, номгӯйи мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба табъ расидаанд, иборат мебошад.

Боби якум «**Асосҳои лингводидактикии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикии синфҳои 8-9 ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон**» унвон дошта, дар доираи се фасл мураттаб гардидааст. Дар фасли аввали он таҳти унвони **“Инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9 дар раванди омӯзиши синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб”** оид ба вазъи инкишофи нутқи мураттаби хонандагон ҳангоми таълими синтаксис мавриди таҳлил қарор гирифта, фикру андешаҳои диссертант баён

гардидааст. Мавсуф собит сохтааст, ки яке аз омилҳои муҳимми рушди нутқи муҳассилин хониши бадеии порчаҳои насрии адибони ниёгон ва аз ёд кардани порчаҳои шеърии эшон маҳсуб меёбад. Дар фасли дуюми кор **“Вазъи таълими синтаксиси забони тоҷикӣ дар доираи омӯзиши осори классикон: таҳлили китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълими забони тоҷикии синфҳои 8-9”** пажӯҳишро бобати таҳлилу хулосабарорӣ вобаста ба маводи назариявии барномаҳои таълим ва китобҳои дарсӣ ба роҳ монда, мавзуъҳои таркиби ҳар фаслу боби онҳоро мавриди таҳлил қарор дода, хулосабарорӣ кардааст. Дар фасли мазкур ҷадвали 1 оварда шудааст, ки дар он намунаи осори классикон дар нашрҳои солҳои гуногуни китобҳои дарсӣ таҳлил ёфта, теъдоди онҳо ба тариқи фоиз акс ёфтааст. Дар фасли сеюми кор, ки таҳти унвони **“Асосҳои назариявӣ - методии интихоби мисолҳо (ҷумлаҳо, матнҳо) дар дарсҳои забони тоҷикӣ бо мақсади инкишоф додани нутқи мураттаби хонандагон”** омадааст, диссертант бо овардани далелҳои зиёд аз таҷрибаи кориаш ва гуфтаи олимон таъкид менамояд, ки барои инкишоф додани нутқи хаттиву шифоҳии хонандагон бештар истифода бурдани мисолҳо аз осори классиконамон хеле зарур аст. Нуктаи асосии мазмуну мундариҷаи боби мазкур ин аст, ки бояд омӯзгорон дар раванди интихоби мисолҳо аз осори классикон ҳамеша кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки мисолҳои барои таҳия ва маънидоди маводи назариявии дарсҳои забони тоҷикӣ истифодашаванда дорои ин ё он мазмуни панду ахлоқӣ ҳам бошанд, то ки шарҳи ин нукта ҳам дар раванди баёни мавзуъ, мустаҳкамкунӣ ва ниҳоят дар ҷамъбасти дарсҳо аз мадди назар дур намонад.

Боби дуюми кор «**Ташкили корҳои методӣ оид ба инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9 дар раванди таълими ҷумлаҳои сода ва мураккаб**» унвон дошта, қисмати ҳалкунанда ва ҳам муаррификунандаи таҳқиқоти диссертант Раҳимова М.А. маҳсуб меёбад. Фасли якуми кор **“Истифодаи осори ибратомӯзи классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар раванди таълими ҷумлаҳои сода”** ба таълими мавзуъҳои таркибии синтаксиси ҷумлаҳои сода бахшида шудааст. Диссертант ҳангоми таҳлили китобҳои дарсӣ зимни мавзуи мазкур ҳусну қубҳи мисолҳои дар китобҳои дарсӣ овардаро зикр намуда, фикрҳои ҷолиби диққатро зикр кардааст. Фасли дуюми боб **“Истифодаи осори ибратомӯзи классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар раванди омӯзиши ҷумлаҳои мураккаб”** ба таълими мавзуъҳои таркибии ҷумлаҳои мураккаб бахшида шудааст. Диссертант дар ҷадвали 2 ҷумлаҳои сода ва мураккабро аз осори классикон барои баёни мавзуъ пешкаш кардааст. Дар ин қисмати кор, ки дар асл фарогири ҷанбаҳои амалӣ, таҷрибавӣ дар иртибот ба таълими синтаксиси ҷумлаҳои сода дар синфи 8-ум ва таълими синтаксиси ҷумлаҳои мураккаб дар синфи 9-ум маҳсуб меёбад, роҳу усулҳои дастрас намудани маводи назариявии синтаксиси забони тоҷикӣ дар синфҳои мазкур таҳлилу баррасӣ шудаанд. Натиҷаҳои ба дастомада дар раванди озмоиши таълимӣ дар синфҳои 8-9-

и Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12, 24, Гимназияи №2-и ноҳияи Б. Ғафуров ва МТМУ № 6-и шаҳри Хуҷанд санҷида шудаанд, ки басо боварибахшанд. Дар ин хусус маълумоти мушаххасро аз боби сеюм, ки **«Корҳои озмоишию таҷрибавӣ оид ба истифодаи осори адибони классик ҳамчун воситаи инкишофи нутқи мураттаби хонандагон»** метавон дарёфт намуд. Фасли якуми боби сеюм **“Озмоиши таълимӣ-методии истифодаи осори адибони классикии тоҷик дар таълими инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9”** дар таҳқиқот нақши назаррасро бозидааст. Дар он натиҷаи таҳқиқоти дар ду озмоиши педагогӣ: муқарракунанда ва ташаккулдиҳанда дар гимназия ва МТМУ вилояти Суғд гузаронида таҳлилу баррасӣ гардидааст. Фасли дуюми боби сеюм тахти унвони **”Таҳлили муқоисавӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои озмоиши педагогӣ”** таҳлили амиқ ва ҳаматарафа, муқоисаи нишондиҳандаҳо ва ҷвмъбасти натиҷаҳои озмоиши таълимӣ-методиро фаро мегирад.

Сарфи назар аз комёбиҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо ҳам ба назар мерасанд:

1. Мисолҳо аз осори классикон мебоист бештар оварда шуда, мавриди таҳлил қарор мегирифтанд.
2. Дар баъзе саҳифаҳо хатоҳои имлоиву китобатӣ ба назар мерасанд.

Новобаста аз ин камбудиҳо, ки ба мазмуну мухтавои кор чандон халал намерасонанд, диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна ҷавобгӯйи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, худи диссертант ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси **5.3.5.3** – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Искандарова Ф.Д.

Имзои дотсент
Искандарова Ф.Д.- ро тасдиқ мекунам

Мудири шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсус: Исмоилова М.Н.